# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № ________________
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 11.10.2025, №33

Барои сазовор донистани Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ.

Диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ)» аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 12-уми июли соли 2025 (протоколи №19) ба ҳимоя қабул гардидааст (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъсиси шурои диссертатсионӣ аз 01-уми октябри соли 2024, таҳти №364/шд).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич, санаи таваллудаш 14.08.1968.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2010 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси «Сиёсатшинос. Муаллими илмҳои сиёсӣ, маъмур» хатм намудааст. Дар давраи омода гардидани диссертатсия Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Айни замон ба ҳайси муаллими калони кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Муҳабатов Абдусалом – номзади илмҳои фалсафа, профессори кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Назар Муъмин Абдуҷалол** – доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии шуъбаи фалсафаи иҷтимоии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Саидзода Шӯҳрат Шукур –** номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи тақриздиҳанда –** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш.Душанбе).

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи ташхисгари диссертатсия, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Тураева З.Ю. имзо шудааст, қайд шуд, ки диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ)» таҳқиқоти пурра анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз онҳо 5 мақолааш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 3 ҷ.ч. нашр гардидаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф таҷассум ёфтаанд.

**Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда:**


1. Гадоев, Н.З. Теоретико–методологические основы государственной политики в области образования //Вестник Таджикского национального университета. – 2015. – №2/6 (175). – С. 215 - 220. ISSN 2074- 1847
2. Гадоев, Н.З. Модернизационный процесс образования в условиях государственной независимости //Вестник Таджикского национального университета. – 2016. – №2/5 (207). – С. 264 - 268. ISSN 2074-1847
3. Гадоев, Н.З. Роль общественных дисциплин как приоритетное направление воспитания высококвалифицированных кадров //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-политических и общественных наук. – 2018. – №1. –С.265 - 270. ISSN 2413-5151
4. Гадоев, Н.З. Образование – приоритетное направление государственной политики в условиях демократизации общества //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-политических и общественных наук. – 2018. – №5. –С.317-322. ISSN 2413-5151

5. Гадоев Н.З. Раванди модернизатсионии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – №5. –С. 310-314. ISSN 2413-5151

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои муҳаққиқони зерин ворид шудаанд:**

Неъмонов Ҷ.М. – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст, эрод надорад;

Асомаддинов М.А. – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. Тақриз мусбат аст, эрод дорад. Дар тақризи мазкур қайд мегардад, ки

- Диссертант метавонист асарҳои нави соҳаи таълиму тарбият аз ҷумла хуши маснуъӣ, технологияҳои нави иттилоотӣ ва ғайраро низ дар раванди таҳқиқоти илмии худ мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳад. Зеро, шароити тағйирёбанди ҷомеаи ҷаҳонӣ ба он самт дар ҳоли ҳаракат мебошад, ки давлатҳоро зарур аст дар сиёсатҳои соҳавии худ ин масъаларо низ мадди назар қарор диҳанд.

- Дуруст аст, ки муҳаққиқ дар танзими сиёсати давлатӣ ба масъалаи муҳими модернизатсия дар соҳаи маориф таваҷҷуҳ намудааст, аммо аз диссертант интизор меравад, ки назари чанд олими раванди модернизатсияи соҳаи маориф дар Шарқу Ғарби оламро низ мавриди таҳлили илмӣ қарор медоданд, то ҷойгоҳ ва аҳамияти анҷоми чунин коре дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мушаххастар худро ошкоро ба хонандагон нишон медод.

- Дар матни автореферат ва диссертатсия баъзан хатоҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки бо каме таваҷҷуҳи бештар қобили ислоҳ мебошанд.

Мусоев Ш.М. – номзади илмҳои сиёсӣ, муаллими калони кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. Тақриз мусбат аст, эрод дорад. Дар тақризи мазкур ба сифати эрод қайд мегардад, ки:

-дар автореферат доир ба таҳия ва иҷроиши қонунҳои амалкунандаи байналмиллаӣ ба соҳаи маориф дар шароити Тоҷикистон кам маълумот дода шудааст;

- дар автореферат аз маъхазу сарчашмахои илмии хориҷӣ оид ба воқеияти сиёсати соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар маълумот оварда шудааст;

-дар автореферат ҳанӯз хатогиҳои имлоӣ ва техникие ҷой доранд, ки дар маҷмуъ мазмуни корро коста намегардонад.

Интихоби муқарризон ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо дар самти масоили таҳқиқшуда, аз ҷумла дар атрофи самтҳои гуногуни сиёсати давлатӣ, сиёсати иҷтимоии давлат ва масъалаҳои рушди соҳаи маориф корҳои илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додаанд ва мутахассисони шинохтаи соҳаи таҳқиқоти сиёсӣ маҳсуб мeёбанд. Муассисаи тақриздиҳанда – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳқиқи масъалаҳои ташаккули сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши босазо дорад ва ба масъалаи ташаккулёбии низоми идоракунии давлатӣ таваҷҷуҳи махсус медиҳад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- зарурияти илмию назариявии таҳқиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф муайян карда шуд;
- ташаккули раванди таҳаввули соҳаи маориф дар давраи гузариш тадқиқу таҳлил гардид;
- тағйири сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф тибқи меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ва ватанӣ ба роҳ монда шудааст;
- роҳҳои татбиқи равандҳои инноватисонӣ ва модернизатсионӣ дар соҳаи маориф муайян карда шуданд;
- раванди мутобиқнамоии омилҳои мусбати маорифи ҷаҳонӣ ва истифодаи он дар таҷрибаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардиданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки** таҳқиқоти мазкур дар асоси истифодаи дақиқ ва таҳлили сарчашмаҳо, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, инчунин омӯзишу пажӯҳиши раванди инкишофи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои рушди он мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муҳиммияти таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки он яке аз мавзуҳои муҳимму инъикоскунандаи рушди ҷомеа ва ташаккулёбии инсон дар давраи муосир ба ҳисоб рафта, сиёсати давлатӣ онро низ фаро мегирад. Соҳаи маориф ҳамчун самти бартаридоштаи сиёсати давлатӣ, сарчашмаи асосии инкишофи ҷомеаи муосир эътироф карда шудааст, зеро раванди ташаккулёбии он ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири худро мерасонад.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки дар диссертатсия масъалаҳои амалии инкишофи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар давраи гузариши ҷомеа мавриди баррасӣқарор дода шудаанд. Махусусан, роҳҳою воситаҳои раванди ислоҳот ва навовариҳо дар соҳаи маориф таҳлилу таҳқиқ гардидаанд. Соҳаи маориф аҳамияти амалии бузурге дорад, зеро дар як

шакли муайяне он ба тамоми шаҳрвандон алоқаманд аст. Масъалаҳое, ки дар соҳаи маориф ба вуҷуд меоянд, аллакай тамоми оилаҳои ҷумҳурӣ аз он огоҳ мешаванд, чунки оилае нест, ки муҳассилин дар мактаб ва ё донишҷӯ дар донишгоҳе надошта бошанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқотро метавон дар фаъолияти ниҳодҳои идоракунии маориф, дар раванди ислоҳот дар соҳаи мориф, коркарди воситаҳои таълим, маводҳои лексионӣ оид ба фанҳои ҷомеашиносӣ, хусусан сиёсатшиносӣ ва истифодаи технологияи сиёсӣ дар замони муосир, маводҳои аёнӣ тавассути тахтаҳои электронӣ ва ҳамчунин барои пешрафти минбаъдаи соҳаи маориф мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон доданд, ки хулосаҳои муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва назарияҳои сиёсӣ таҳия гардидаанд. Инчунин, муаллиф дар асоси таҳлили равандҳои модернизатсионӣ, инноватсия ва ислоҳоти соҳаи маориф бо санадҳои оморӣ тавсияҳои амалии худро манзур намудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор меравад.

Дар маҷлиси 11-уми октябри соли 2025 шурои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ /_______________/ Қувватзода С.З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ /_______________/ Сангинов Н.Н.

**11.10.2025**